**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Расулзода Рухсора дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Сиёсати забонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати забонӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, сиёсати забонӣ хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди давлатории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд.

Ҷойгоҳи забон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, сол аз сол имконият барои рушду густариши забони давлатӣ фароҳам меояд ва баҳри эмин нигоҳ доштани забони давлатӣ ҳамчун мероси маънавии миллати тоҷик аз таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» дар доираи илмҳои сиёсӣ бисёр муҳим ва актуалӣ ба шумор меравад. Чунки забон ҳамчун мафҳуми марказии илмҳои забоншиносӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати тамаддунӣ аз доираи маҳдуди забонӣ берун баромада, ба категорияи универсалӣ табдил ёфтааст. Табиист, ки дар равияҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ сиёсатшиносӣ, геополитика, муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия, равоншиносӣ, таърих, фалсафа ва ғайра бе ягон шакку шубҳа метавонанд категорияи забонро хамчун категорияи байни илмӣ ё умумӣ илмӣ дар чаҳорчӯбаи мавзуъҳои таҳқиқотии худ истифода намоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби муфассал, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима муаллиф доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он дар ҷомеашиносии муосири тоҷик, масъалаҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияро ба таври мухтасар баён намудааст.

Яке аз хусусиятҳои хосси инкишофи илми муосир аз он иборат аст, ки сарҳадҳои ба истилоҳ халалнопазири равияҳои гуногуни тадқиқотӣ шикаста шуда, дар ин замина равияҳои нави илмӣ пайдо мешаванд. Илмҳои нав, дар раванди ҷустуҷӯйи мавзуи омӯзиш ва пойгоҳи шоистаи худ маҷбуранд аз усул ва категорияҳои илмҳои нисбатан ботаҷриба истифода намоянд. Чунин ҳолат дар рушди илми забоншиносӣ баръало ба мушоҳида мерасад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба сифати забони миллӣ ва давлатӣ мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ ва муносибатҳои дипломатиро ба худ касб намуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ

– Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон забони давлатиро аз фазои адабу фарҳанг ба фазои коргузории давлатӣ оварданд, онро дар сатҳи ҷумҳурӣ забони илм намуданд, забони давлатиро ҳамчун унсури давлатдорӣ ва ҷузъи ҳувияти миллӣ баррасӣ намуданд. Ҳамзамон, таҷрибаи давлатҳои куҳан ва пешрафтаи дунё ба равшанӣ нишон медиҳад, ки истифода аз як забони умумӣ ба эҷоди миллате бо пайванди иҷтимоии қавӣ ва давлати неруманд боис мегардад. Дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ ин мавқеияти шоистаи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангиро доро мебошад.

Боби якуми диссертатсия «Сиёсати забонӣ унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ» номгузорӣ карда шудааст ва дар он масъалаҳои назарӣ ва амалии сиёсати забонӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат буда масъалаҳои асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати забонӣ ва хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ дар шароити ҳозираи инкишофи Тоҷикистонро дар бар ширифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Ҳадафҳо ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, ба таҳқиқи равандҳо ва хусусиятҳои сиёсати забонӣ дар кишвар, мақому манзалат ва нақши Истиқлоли сиёсӣ дар таҳкими сиёсати давлатии забон дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия аз се зербоб иборат буда, ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо, сиёсати забонӣ ҳамчун унсурҳои таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ ва мақом ва нақши Истиқлоли сиёсӣ дар таҳкими сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон: дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ бахшида шудааст.

Дар хулосаи кор муаллиф натиҷаҳо ва тавсияҳои илмиву амалии диссертатсияро дар чанд банд ва ба таври фишурда ҷамъбаст намудааст.

Унвонҷӯ Расулзода Р. дар рисолаи худ қайд намудааст, ки аз нигоҳи таҳқиқоти илмӣ, мавзуи забон ва истифодаи он ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллӣ яке аз проблемаҳои мубрами илми муосир гардидааст. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон имрӯз давлатеро пайдо намудан мушкил аст, ки дар бораи ҳифз ва тақвият бахшидани забони миллии худ ғамхорӣ надошта бошад.

Нақши забон ҳамчун василаи сиёсат ва категорияи илмҳои сиёсатшиносӣ ва геополитикӣ дар қарни XXI, бо инкишофи системаҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ниҳоят боло рафтааст. Мавзуи забон дар сиёсат дар маҷмӯъ ва дар сиёсати ҷаҳонӣ ва дипломатияи муосир хусусан нақш ва мақоми сазоворе пайдо намудааст ва кори таҳқиқотии мазкур аҳамияти боз ҳам махсусро доро мебошад. Аҳамияти геостратегӣ ва геополитикии забон дар сиёсати ҷаҳони муосир ва дипломатия бо он муайян мегардад, ки забон ҳамчун «неруи нарм» барои расонидани таъсирӣ фарҳангӣ ба муҳити геополитикии давлат амал менамояд. Яъне ҳар як давлат бо роҳи ҳифз ва таҳким бахшидани забони миллӣ барои худ як ҷавшан, як девори муҳофизатии фарҳангӣ эҷод менамояд, то ки таъсири авомили манфии ҷаҳонишавиро заифтар намуда, умри тамаддунии хешро дарозтар созад.

Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш «Забони миллат – ҳастии миллат» мефармоянд, «Таърихи давлатдории тоҷикон нишон медиҳад, ки аҷдодони мо барои устувор намудани пояҳои давлатдорӣ ва мустаҳкам намудани ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода намудаанд».

Дар диссертатсияи мазкур сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо мавриди таҳлил қарор ёфтааст, ки дар шароити имрӯза бисёр актуалӣ маҳсуб меёбад. Чунки дар шароити ҷаҳонишавӣ давлатҳо аз забон ҳамчун нерӯи нарм, нерӯи таъсиррасонандаи ғайримуноқишавӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатия барои расидан ба ҳадафҳои геостратегӣ, геофарҳангӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии худ васеъ истифода менамоянд. Болотар аз ин, имрӯз масъалаи забон, пок нигоҳ доштани он дар шароити хеле мураккаби рақобати забонӣ, бархӯрди тамаддунҳо, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дар гардиши илмӣ мафҳуми таъмини амнияти забонӣ низ ворид гардидааст.

Қобили зикр аст, ки забони тоҷикӣ бо Истиқлолияти давлатӣ пайванди ногусастанӣ дорад ва якдигарро пурра мегардонанд. Зеро истиқлоли Ватан аз истиқлоли забон аст ва истиқлоли забон аз истиқлоли Ватан маншаъ мегиранд. Маҳз ҳамин забони тоҷикӣ буд, ки шоирони машҳури олам Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абдулқосим Фирдавсӣ, Абдураҳмонӣ Ҷомӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абуалӣ ибни Сино, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва садҳо дигарон асарҳо эҷод намуданд, ки имрӯз онҳоро натанҳо дар Тоҷикистон балки берун аз марз дар тамоми гушаю канори олам мехонанду миллати тоҷикро эҳтиром менамоянд.

Унвонҷӯ дар охири диссертатсия номгӯйи адабиёти илмиву таҳқиқотии мавриди истифода қарорёфтаро зикр намудааст. Тартиби овардани маводи сарчашмаҳо ва манбаъҳои истифодашуда ба талаботи корҳои илмӣ ва диссертатсияҳои илмӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва ихтисоси мазкур мувофиқат мекунанд.

Дар баробари дастовардҳо ва натиҷаҳои бадастоварда дар кори диссертатсионии Расулзода Р. якчанд камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки қобили зикр мебошанд:

1. Дар автореферати диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки қобилиислоҳанд.
2. Хуб мешуд, агар дар кори таҳқиқотии мазкур масъалаҳои татбиқи сиёсати берунии забон, таъсири он ба муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани имиҷи давлат, эътибори он дар ҷаҳон, боло рафтани боварӣ ба он ва алоқаҳои тамаддунии он боз ҳам васеътар таҳлилҳо анҷом меёфтанд, чунки масъалаҳои дар боло зикршуда яке аз қисмҳои марказии сиёсати забонӣ ба шумор мераванд.
3. Дар диссертатсия муаллиф доир ба масъалаҳои пок нигоҳ доштани забон дар шароити мураккаби рақобати забонӣ, бархӯрди тамаддунҳо, таъмини амнияти иттилоотии давлат ва дар гардиши илмӣ мафҳуми таъмини амнияти забонӣ таҳлилҳо анҷом додааст, аммо фикри шахсии муаллиф вобаста ба масъалаҳои зерин пешниҳод карда нашудааст.

Новобаста аз масъалаҳои ҷойдошта дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки диссертатсияи таҳиякардаи Расулзода Рухсора дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА мувофиқат менамояд ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

Муқарриз,
Мудири кафедраи умумидонишгоҳии
сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Нуриддин П.Р.

Имзои н.и.с. Нуриддин П.Р. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
www.tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj

“12” 06 2024